Некиҳое, ки пеш аз Ислом пазируфтан анҷом додаи, бо ту ҳастанд

Аз Ҳаким ибни Ҳизом (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Эй Паёмбари Худо! Оё барои амалҳое, ки дар замони ҷоҳилият ба қасди ибодат анҷом медодам, ба монанди садақа, озод кардани ғулом ва робитаи хешутаборӣ, подош хоҳам гирифт? Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Некиҳое, ки пеш аз Ислом пазируфтан анҷом додаи, бо ту ҳастанд".

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён мефармоянд, ки кофир агар ислом бипазирад, барои амалҳои нек, ки пеш аз Ислом анҷом додааст, ба монанди садақа, озод кардани ғулом, силаи раҳм ва дигар амалҳои нек, подош дода мешавад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65016